Гуфтам: Эй Расули Худо, наҷот дар чист? Фармуд: "Забони худро нигоҳ дор, дар хонаат биншин (хилват ва ибодат дар хонаатро бар худ лозим бигир) ва бар гуноҳат гиря кун (тавассути тавба ва пушаймонӣ)

Аз Уқба ибни Омир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Эй Расули Худо, наҷот дар чист? Фармуд: "Забони худро нигоҳ дор, дар хонаат биншин (хилват ва ибодат дар хонаатро бар худ лозим бигир) ва бар гуноҳат гиря кун (тавассути тавба ва пушаймонӣ)."

[Саҳеҳ] [رواه الترمذي وأحمد]

Уқба ибни Омир (разияллоҳу анҳу) аз Паёмбари акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи василаи наҷоти муъмин дар дунё ва охират пурсид. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: Ин се корро бояд анҷом диҳӣ. Якум: забони худро нигоҳ дор аз ҳар сухани бад ва бефоида, танҳо сухани нек бигӯй. Дуюм: дар хонаат бимон, Худовандро дар хилват ибодат кун ва худро аз фитнаҳо дур нигоҳ дор. Сеюм: барои гуноҳонат гиря кун, пушаймон шав ва тавба кун.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3602